РАВИШҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ҶОМЕАШИНОСӢ: МАСЪАЛАҲО, ТАҶРИБА ВА ДУРНАМО

25 ноябри соли 2026 бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар китобхонаи МТМУ № 8-и ш. Душанбе ба номи Бозор Собир семинари илмӣ-машваратӣ дар мавзуи «Равишҳои инноватсионӣ дар таълими фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ: масъалаҳо, таҷриба ва дурнамо» баргузор гардид. Дар семинар омӯзгорони фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих, ҳуқуқ, инчунин омӯзгорони фанни забону адабиёти рус иштирок варзида, муҳокимаронӣ намуданд. Муҳтавои семинари мазкурро таҳлилу арзёбии нақши равишҳои инноватсионӣ дар омӯзиши фанҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо дар раванди таълим дар бар мегирад. Семинар дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва такмили таълиму тарбия бо назардошти мубрамии мавзуи мазкур дар шароити имрӯза барпо карда шуд. Амалӣ намудан чунин чорабиниҳои методӣ тақозо менамоянд, ки ба истифодаи равишҳои инноватсионӣ дар раванди таълим бо мақсади баланд бардоштани сатҳи таълими фанҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ ва савияи дониши хонандагон, ҳамчунон ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллии онҳо пайваста таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар семинар Назиров Назир - мудири шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳ бо мавзуи «Инновационные подходы и методы преподавания социально - гуманитарных дисциплин» ва Файзуллоева Иноят - ходими пешбари илмии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар мавзуи «Вижагиҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим» баромад намуданд. Дар рафти семинар иштирокдорон доир ба роҳҳои истифодаву татбиқи усулҳои инноватсионии таълим, истифодаи зеҳни сунъӣ аз тарафи хонандагон ва татбиқи эҷодкоронаи он дар раванди таълим, таҷрибаи пешқадам ва малакаву

маҳоратҳои касбии худ мубодилаи афкор намуданд. Семинар дар фазои ҳамкориҳои касбӣ ва мубодилаи таҷриба баргузор гардида, барои тақвияти робитаҳои илму амалия ва густариши таҷрибаи истифодаи равишҳои инноватсионии таълим аҳамияти заминаи мусоид фароҳам меорад.








«Учитесь, читайте, размышляйте и
извлекайте из всего самое полезное»
Н.Пирогов


ФУРУГИ СУБХИ ДОНОЙ КИТОБ АСТ...
МИРЗО ТУРСУНЗОДА 1911-1977
ДОИК ШЕРАЛИ 1941-2000
ИНОСТРАННАЯ ЛИТЕРАТУРА
Адабиёти классикони рус
СОПРАВШАН


ДЕТСКАЯ ЛИТЕРАТУРА
ИНОСТРАННАЯ ЛИТЕРАТУРА
ЧИТАТЕЛЬСКИЙ
АДАБИЁТ ва САНЬЯТ


Фуруги субхи
доной
Адабиёти
классикони рус
Винни-Пух